# ТАҚРИЗ

**ба автореферати унвонҷӯ Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ пешниҳод гардидааст.**

Кори диссертатсионии Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» дар шароити имрӯза актуалӣ маҳсуб ёфта, якчанд масъалаҳои зарурирo фаро гирифтааст.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ мушкилоти ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок, аз он ҷумла конҳои ангишт дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро наёфтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишт ва дигар навъи канданиҳои фоиданоки ҷумҳурӣ зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмиро талаб мекунад.

Муайян намудани хусусиятҳои табдилёбии муҳити атроф ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ масъалаи муҳимтарини геоэкологӣ арзёбӣ гардида, бо ин мақсад гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба паст намудан ва типикунонии хатарҳои табиӣ, геоэкологӣ ва техногенӣ вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки таъсири аввалин ва маъмултарини фаъолияти корхонаҳои саноати кӯҳӣ ба муҳити геологӣ таъсироти физикӣ ва механикӣ мебошанд. Он дар вайроншавии механикии ҷинсҳои кӯҳӣ, деформатсияи релеф ва раванди геодинамикӣ зуҳур меёбад. Омили асосии таъсироти физикӣ ва механикӣ таъсири ларзиши сунъӣ мебошад, ки тавассути механизмҳо ҳангоми таркиш, ковиши нақбҳои кӯҳӣ, сохтмони кӯпрукҳо, роҳҳо, корҳои кофтукови геологӣ ва истихроҷӣ ва сохтмони сарбандҳо ба вуҷуд меоянд. Ифодаи морфологии таъсири физикӣ ва механикӣ ба муҳити геологӣ фурӯравии сатҳи замин, фаъолшавии равандҳои геодинамикӣ: ярч, сел, фурӯғалтӣ ва эрозия мебошад.

Дар кори илмӣ қайд гардидааст, ки яке аз масъалаҳои афзалиятнок, ки ба таъмини бехатарии саноатӣ ва экологии истихроҷи конҳои ангишт равона карда шудааст, ин интиқол додани ангишти истихроҷшуда ба анборҳо ё ҷойҳои махсусгардонидашуда ва таъсири бевоситаи онҳо ба муҳити геоэкологӣ мебошад. Бо мақсади беҳбуд бахшидан дар самти корҳои интиқолдиҳӣ интихоб намудани роҳи танобии барқӣ бамаврид буда, барои дар тамоми фасли сол ба роҳ мондани истихроҷи ангишт мусоидат менамояд.

Харитаҳои таҳиянамудаи экологӣ имконияти коҳиш додани таъсири хавфҳои экологиро дар минтақаҳои коркард ва истихроҷи ангишт ва иншооти ҳаётан муҳимми хоҷагии халқ фароҳам меорад.

Кори илмии пешниҳоднамудаи Кароматуллоои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба талабот низомномаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои геологию минералогӣ,
Директори КВД илмӣ-истеҳсолии “Табиат”-и
Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Каримов А.

Имзои Каримов А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва коргузории Кумитаи ҳифзи
муҳити зисти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Салимзода У.

КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорат

Суроға: 734034,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
кӯчаи С. Абдуллоев 77
Тел.: (+992 37) 223-35-40
E-mail: tabiat.supe@mail.ru
«25» 05 соли 2026.